*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-14 назди Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14).*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавӯи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ таъсиси механизме, ки амнияти сиёсию иқтисодии минтақаро таъмин мекунад, шарти зарурии рушди фаъолияти хоҷагидорӣ мегардад. Муаллиф самтҳои асосии истифодабарии сарватҳои табиӣ, истифодаи самараноки онҳо ва таъсири онҳо ба таъмини рушди босубот дар давлатҳои хориҷӣ ошкор намуда, вариантҳои имконпазири истифодаи таҷрибаи хориҷӣ барои кишвар асоснок кардааст. Инчунин дар рисола сарватҳои табиии минтақа чун омили рушди иқтисодиёти Хатлон таҳлил гардида, имкониятҳои рақобатпазирӣ ва иқтидори калони табиии он дар рушди ояндаи минтақа аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 5).

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда бо навгонии назарраси илмӣ хос буда, муаллифи рисола тадқиқоти ҷиддиеро анҷом додааст, ки аз асосноккунии назариявӣ ва таҳияи асосҳои методологии истифодабарии самараноки сарватҳои табиии минтақаи Хатлон иборат мебошад.

Иқтидори табиӣ, ки сарчашмаи асосии баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад, масъалаи мубрами сиёсати иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Иқтидори табиии минтақа ба захираҳои хос, ландшафтҳо ва муҳитҳои мавҷуда дахл дорад ва дар сурати самаранок истифода бурдани онҳо метавонанд ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа мусоидат кунанд.

Иқтидори калони минтақа дар сурати истифодаи дуруст ба дигар омилҳои муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ аз қабили иқтидори иқтисодиву иҷтимоии минтақа, таъсири калон расонида метавонад. Иқтидори истеҳсоливу саноатӣ бошад, имрӯз аз истифодаи оқилона ва ҳамоҳангии дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, махсусан аз истифодаи самараноки сарватҳо дар минтақа алоқамандӣ дорад (саҳ. 14).

Асоси густурдаи омории тадқиқот бо маълумоти муосиртарин дар бораи истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ, ки аз манбаъҳои кушода ва инчунин шахсан аз ҷониби муаллиф ҷамъоварӣ шудааст, ҷолиби диққат мебошад.

Аз автореферат бармеояд, ки дар кор як қатор масъалаҳои дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ ҳал карда шудаанд, маҷмӯи усулҳо ва

тавсияҳои пешниҳодшуда барои ба назар гирифтани омилҳои муосири динамикӣ ва рушди ҷараёнҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ сазовори таваҷҷӯҳи махсус мебошад.

Натиҷаҳои бадастовардашудаи кори диссертатсионӣ дар асоси муқаррароти пешниҳодгардида ва роҳҳои татбиқи афзалиятҳои ҶТ дар заминаи истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ асоснок шудаанд.

Сарфи назар аз он, ки мазмуни автореферат имкон медиҳад, ки ба кори рисола баҳои мусбат дода шавад, он як қатор саволҳоро ба миён меорад:

1. Бо вуҷуди он ки мавзуъ дар мисоли вилояти Хатлон хуб таҳлил шудааст, муфид мебуд, агар баъзе муқоисаи кӯтоҳ бо таҷрибаи ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ оварда мешуд.

2. Масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти хоҷагидорӣ дар шакли маблағгузорӣ низ кам таҳлил гаштааст.

Дар маҷмӯъ, автореферати пешниҳодшуда барои чунин хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки рисолаи илмии Зуҳуров Б.И таҳқиқоти мустакилонаи тахассусии илмии дорои навоварии илмӣ, ва аҳамияти назариявию амалӣ буда, ба талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мазӯи “Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон), дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.